**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

**«28» 09 соли 2023** **ш. Душанбе**

Диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" забоншиносии когнитивӣ самти босуръат рушдёфтаистодаи забоншиносӣ маҳсуб ёфта, аксаран симои илми забоншиносии ҷаҳони муосирро муайян мекунад. Самти мазкур нисбатан наву муосир буда, дар он чи дар масъалаҳои назариявӣ, чи дар амалияи тадқиқот ва усулҳои тадқиқотӣ нуктаҳои баҳсталаб зиёданд. Ин зарурати корҳоеро, ки асосҳои назариявию методологии илми когнитивиро дар асоси таҷрибаи тавсифи амалии лингвокогнитивии забон ошкор мекунад, муайян менамояд. Забоншиносии когнитивӣ яке аз соҳаҳои ҷолибтарин ва баҳсноки забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, равандҳои равонӣ ва инъикоси забонӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсонро меомӯзад.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал силсилаи усули интегративӣ –тафсирии омӯзиши консептҳои "**бойигарӣ**" ва "**қашшоқӣ**", аз ҷумла ҷузъҳои этимологӣ, сохторӣ-семантикӣ ва когнитивии онҳо ва хамчунин муқоисаи дуҷониба ва хусусияти консептҳо, ки имконияти дарёфти вижагиҳои лингвофарҳангии онҳоро дар сатҳҳои забонӣ ва когнитивӣ дар бар мегирад.

Ҳангоми таҳлилу баррасии моҳият ва асосҳои назарии таҳқиқ бештар ба таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Н.Ф. Алиференко, С.А.Асколдов, С.С.Алексеев, А.Н.Баранов, А.Н.Бабушкин, А.Вежбитская, С.Г.Воркачёв, В.В. Воробёв, В.З.Демянков, М.Ҷонсон, Д.О.Добровольский, В.В.Колесов, Е.С.Кубрякова, Дж. Лакофф, Д.С.Лихачёв, В.А.Маслова, М.Минский, З.Д.Попова, Ю.С. Степанов, И.А. Стернин, В.Н.Телия, Н. Маъсумӣ, И.Ҳасанов, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, М.Қосимова, Д. Тоҷиев, С. Ҷоматов, Ҳ. Саидзода (Саидов Ҳ.), С.Раҳматуллозода, Н. Гадоев, Ф.Турсунов, З. Мухторов, А. Нозимов, П. Ҷамшедов, А. Мирбобоев, Ҳ.Мирзоев, О. Қосимов, ва аз осори адибони тоҷик С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, М.Турсунзода, С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, Р.Ҷалил,

Ф.Ниёзӣ, Ф.Муҳаммадиев инчунин луғатҳои дуҷилдаи «Фарҳанги ибораҳои рехта» (тартибдиҳанда М.Фозилов) ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» гирдоварӣ карда шудаанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи муайян кардани тавсифи ҳаматарафа ва хусусиятноки консептҳои абстрактии “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Имкониятҳои лингвофарҳангшиносӣ ва забоншиносии когнитивӣ ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи хусусиятҳои лингвофарҳангии консептҳоро ошкор менамояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.
Тадкиқоти диссертатсионӣ аз мукаддима ва се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Дар мукаддима сабаби интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, мавзӯъ ва максади тадкикот таҳлил карда мешавад ва принсипу усулҳои таҳқиқ баррасӣ карда мешаванд. Ҳамчунин сайри таърихии омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқот анҷом дода мешавад.

Боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи консепт» ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст.

Боби дуюм «Консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номида шудааст. Ин боб аз 3 фасл иборат аст.

Боби сеюми рисола «Фразеологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном дошта, мувофиқати номҳои консептҳо дар ҷанбаи лингвофарҳангӣ, идиомаҳо ҳамчун соҳибони консептҳои таҳқиқшаванда, паремиологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сохторҳои когнитивие, ки аз онҳо консептҳои фразеологияшуда асос мегиранд, таҳқиқ карда мешаванд.

Дар хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 13 банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ пурра дар он ҷамбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 13 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таққиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳкиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст. Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Холматова Х.А. дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

**2.1. Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**2.2. Камолова Гулрухсор Рустамовна** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод карда

автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мухторов З. М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ. А.

Имзои доктори илми филология, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ Саидзода Ҳалим Азизро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Ш.

Имзои профессор Раҳмонова Наргис Шарифовнаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳомидов Ш.Б.